**7355/12.5аз 04.12.2012**

**Назорати Раёсатҳои дастгоҳи марказӣ Мақомоти ҳудудии андоз**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои муқаррароти боби 4-и моддаҳои 48-63 Кодекси андози Чумҳурии Тоҷикистон, оиди санҷишҳои андоз ва дигар шаклҳои назорати андоз супориш медиҳад, ки нисбати гузаронидани санҷишҳои андоз (санҷишҳои маҷмӯӣ, мавзӯӣ, мутақобила, амалиётӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ) диққати ҷиддӣ дода, гузаронидани санҷишҳои андоз дар асоси амрнома (ба истисноӣ назорати камералӣ) ва танҳо аз тарафи кормандони шӯъба, бахшҳои санҷиши андозҳои мақомоти ҳудудии андоз ба роҳ монда шавад.

Дар ҳолати пайдо шудани зарурият роҳбари аввали мақомоти ҳудудии андоз метавонад аз ҳисоби дигар шӯъбаҳо барои гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ ва хронометражӣ кормандони дигар шӯъбаҳоро сафарбар намоянд ва дар ин ҳолат ҳатман роҳбари гурӯҳи кориро аз ҳисоби мутахассисони гурӯҳи муоинаи хронометражӣ ва мошинаи назоратӣ-хазинавӣ таъин намоянд.

Қайд кардан зарур аст,ки ҳар як корманди мақомоти андози ҷумҳурӣ бояд аз рӯи салоҳияту вазифаҳои мансабияш фаъолият намоянд.

Аз рафти корҳои анҷомдодашуда, аз он ҷумла (санҷишҳои маҷмӯӣ, мавзӯӣ, мутақобила, амалиётӣ, назорати камералӣ ва муоинаи хронометражии андоз) ҳар моҳ то санаи 3-уми моҳи минбаъда ба Раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва дар навбати худ Раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ то санаи 5- уми моҳи минбаъда ба Кумитаи андоз ҳисоботҳоро бо замимаҳои дахлдор пешниҳод намоянд.

Инчунин бо мақсади сари вақт тартиб додани санади муқоисавӣ бо Вазорати Молия оиди ба буҷет ворид шудани маблағи андозҳои дар натиҷаи санҷишҳои андоз ба таври илова ҳисобшуда ба Шумо супориши қатъӣ дода мешавад, ки пешниҳоди ҳисоботи намунаи №5-А замимаи 21 ба дастурамали тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет маълумотҳоро оиди маблағҳои андози аз ҳисоби санҷишҳои андоз ба буҷет воридшуда тибқи заммимаи ба мактуб иловашуда то санаи 5-уми моҳи минбаъда ба Кумитаи андоз пешниҳод намоед.

Пешниҳод намудани маълумот оиди маблағҳои андозҳо, ки дар асоси санҷишҳои андоз ошкор шудааст ва ба буҷаи ҷумҳуриявӣ ворид мешавад, тибқи замимаи зикршуда ҳатмӣ мебошад.

Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Ҷураев Ё.) ва Раёсати санҷиши андозҳо (Партоев К.) ҳисоботҳоро аз мақомотҳои ҳудудӣ оиди воридоти маблағҳои андоз аз ҳисоби санҷишҳо бе пешниҳоди замимаи мазкур қабул нанамоянд.

Масъулияти иҷроиши супориши мазкур бевосита ба зиммаи Сардорони Раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва роҳбарони аввали мақомоти ҳудудии андоз вогузор карда мешавад.

**Раис** **Н.Давлатов**